**Иҷозати муваққатии иқомат тибқи ҷойи кор**

Шумо метавонед иҷозати иқоматро дар Литва гиред, агар Шумо ба шартҳои дарёфти иҷозатии иқомат мувофиқ бошед, агар Шумо ҳуҷҷатҳои заруриро ба Раёсати муҳоҷират пешниҳод карда бошед, агар корфармои Шумо дар Литва ба қабули шумо тибқи шартномаи меҳнатӣ розӣ бошад, агар Шумо ба шароити кор, ӯҳдадориҳои хизматӣ ва маоши пешниҳодшаванда розӣ бошед.

**Оғози кор**

Пеш аз кор дар Литва Шумо бояд шартномаи меҳнатии хаттӣ ва ду нусха - як нусха барои шумо, дуюм - барои Корфармои шумо бандед. Шартномаи меҳнатӣ бояд ба забони литвонӣ ва забоне, ки шумо мефаҳмед, тартиб дода шавад. Корфармо ба ҳама саволҳои Шумо оиди шартномаи меҳнатӣ бояд ҷавоб диҳад.

Корфармо вазифадор аст, ки ба Шумо дар бораи шароити кор, қоидаҳо, ҷадвалҳо ва талабот оиди бехатарии меҳнат ва техникаи бехатарӣ хабар диҳад.

Дар шартномаи меҳнатии Шумо бояд вазифаҳое, ки шумо иҷро мекунед, суроғаи ҷои кор ва андозаи музди меҳнатро нишон дода шаванд. Дар шартномаи меҳнатӣ мӯҳлати пардохти музди меҳнат метавонад зикр карда шавад.

Бодиққат тамоми маълумоте, ки дар шартномаи меҳнатӣ мавҷуд аст, хонед. Хеле муҳим аст, ки ҳуҷҷат ба Шумо фаҳмо бошад. Аз пурсидани он, ки Корфармо бо шумо бо кадом забон гап мезанад, шарм накунед.

Агар оиди мазмуни ҳуҷҷат шубҳа дошта бошед ё агар ба саволҳои шумо ҷавобҳои саҳеҳ надоданд, ягон ҳуҷҷатро имзо накунед. Дар зери варақи холии сафед ё канори он имзои худро нагузоред, агар дар бораи матни дар боло навишташуда ба шумо номаълум бошад ё аризаҳоро бе сана имзо нанамоед.

Ҳамаи маслиҳату машваратҳоро бо Корфармо хаттӣ сабт намоед, зеро маслиҳати шифоҳиро дар ҳолати ба вуҷуд омадани баҳс исбот кардан амри маҳол аст.

Дар хотир доред, ки шартномаи меҳнатӣ дар лаҳзаи ба кор оғоз кардан эътибор пайдо мекунад.

Корфармои шумо ӯҳдадор аст, ки Раёсати фонди суғуртаи давлатии иҷтимоиро (СОДРА) дар бораи ба кор ҷалб намудани шумо на дер аз як рӯзи корӣ то оғози кори Шумо огоҳ намояд. Ин гуна огоҳинома кафолат медиҳад, ки шумо ба таври қонунӣ кор мекунед ва аз шумо андоз ва ба шумо кӯмакпулӣ дар ҳолати беморӣ ё ҳодисаи нохуш дар истеҳсолот пардохт карда мешавад.

**Музди меҳнат**

Дар шартномаи меҳнатӣ бояд музди меҳнати моҳона (маоши моҳона) ё музди меҳнати соатбайъ (меъёри соатбайъ) нишон дода шавад, ки набояд аз ҳадди ақали музди меҳнат ё меъёри ҳадди ақали якмоҳаи муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Литва камтар бошад.

Андозаи ҳадди ақали кӯмакпулии моҳона доимо тағйир меёбад ва онро дар вебсомонаи Содра https://www.sodra.lt/lt/situacijos/statistika/pagrindiniai-socialiniai-rodikliai фаҳмидан мумкин аст.

Андозаи ҳадди ақали музди меҳнат фақат барои кори ғайриихтисос истифода мешавад. Таҳти кори ғайриихтисос коре фаҳмида мешавад, ки тахассуси махсус ё малакаҳои касбиро талаб намекунад. Агар шумо кори ғайриихтисосро иҷро кунед, музди меҳнати шумо бояд аз ҳадди ақали музди меҳнат зиёд бошад.

Шартномаи меҳнатӣ бо корфармо инчунин метавонад созишнома дар бораи мукофотпулӣ, нафақа, дигар ҷубронпулиҳои иловагиро дар низомҳои гуногуни пардохт дар бар гирад. Маоши шумо набояд аз маоши коргаре, ки худи ҳамон корро дар худи ҳамон корфармо иҷро мекунад, паст бошад.

Агар шумо шумо дар рӯзи истироҳате, ки бо ҷадвали кории Шумо пешбинӣ намешавад, кор кунед, ба шумо бояд маоши андозааш на камтар аз ду андоза пардохт шавад. Ҳамин муқаррарот нисбати кор дар рӯзҳои идона амал мекунад.

На кам аз як бор дар як моҳ корфармо бояд ба Шумо маълумотро дар шакли хаттӣ ё электронӣ дар бораи маблағҳои ҳисобшуда, пардохтшуда ё ситонидашуда, инчунин давомнокии вақти кории шумо, аз ҷумла кори аз меъёр зиёд пешниҳод кунад.

Музди меҳнат бояд дар як моҳ ду маротиба дода шавад ва бо хоҳиши коргар ҳар моҳ як маротиба дода шавад.

Музди меҳнат ва дигар ёрдампулӣ, инчунин падохти шабонарӯзӣ ва ҷуброни хароҷоти рухсатии корӣ бояд бо интиқоли бонкӣ ба суратҳисоби пардохтии нишондодаи шумо пардохта шавад.

**Соатҳои корӣ**

Корфармо бояд шуморо ба рӯзи пурраи корӣ ба кор қабул кунад, яъне 40 соат дар як ҳафта. Давомнокии рӯзи корӣ бояд дар шартномаи меҳнатии шумо муайян карда шавад. Ҷадвали кор низ бояд ба таври аниқ муайян карда шавад, бо зикри он, ки чоатҳо чӣ тавр тақсим карда мешаванд.

Вақти кори ҳаррӯза (аз ҷумла кори аз меъёр изофа) набояд аз 12 соат зиёд бошад.

Шумо наметавонед 6 рӯз пай дар пай дар давраи 7-рӯза кор кунед.

Истироҳати доимии ҳаррӯзаи Шумо байни рӯзҳои корӣ (бастҳо) бояд на камтар аз 11 соат бошад ва дар давоми 7 рӯзи пай дар пай на камтар аз 35 соат истироҳати доимӣ дошта бошед.

Шумо наметавонед зиёда аз 12 соат дар як ҳафта кор кунед. Ба истиснои ҳолатҳои истисноӣ, корфармо метавонад танҳо бо розигиатон оиди ҷалб кардани Шумо ба кори аз меъёри корӣ изофагӣ супориш диҳад.

Агар шумо зиёда аз меъёри корӣ изофагӣ кор кунед, музди меҳнати Шумо бояд назар ба музди меҳнати дар шартномаи меҳнатии пешбинишуда 1,5 баробар зиёд бошад.

Барои кори шабона, яъне аз соати 22.00 то 06.00 инчунин ба Шумо бояд 1,5 баробар зиёд маош дода шавад.

**Рухсатии меҳнатӣ**

Пас аз 6 моҳи кори бефосила дар як корфармо, Шумо ба рухсатии меҳнатии ҳарсола, ки аз ҷониби корфармо пардохта мешавад, ҳуқуқ доред.

Минбаъд рухсатии меҳнатии ҳарсола бояд на камтар аз як маротиба дар як соли корӣ дода шавад.

Рухсатии меҳнатии солона бояд на дер аз 3 рӯзи корӣ пеш аз оғози он пардохта шавад, агар шумо оиди тартиби дигар маслиҳат накарда бошед.

**Кор дар якчанд корфармо**

Инчунин шумо метавонед ҳадди аксар барои 4 корфармо кор кунед, ки ҳамаи онҳо бояд дар як шартномаи меҳнатӣ нишон дода шаванд ва вақти умумии кор дар ин шартнома набояд аз 40 соат дар як ҳафта зиёд бошад. Дар чунин шартномаи меҳнатӣ бояд корфармои аввалине, ки ба сифати миёнарави Шумо дар Раёсати муҳоҷират баромад кардааст, нишон дода шавад.

**Иваз кардани корфармо**

Агар шумо хоҳед, ки ҷои кор ё вазифаи худро иваз кунед, дар аввал бояд аз Раёсати муҳоҷират иҷозат гиред. Шумо ҳуқуқ доред, ки корфарморо дар давоми 6 моҳ аз рӯзи додани иҷозатномаи иқомат иваз кунед. Шумо бояд барои гирифтани иҷозат барои иваз кардани корфармо дар даврае, ки ки шумо ҳанӯз дар корфармои қаблии худ кор мекунед, муроҷиат намоед.

Эҳтимол меравад, ки корфармои собиқи шумо метавонад шартномаи меҳнатии шуморо дар даврае, ки аризаи шумо барои иваз кардани корфармо баррасӣ мешавад, бекор кунад. Ташвиш накашед – баррасии дархости шумо идома хоҳад ёфт ва иҷозаи иқомати ҷории шумо то дами баррасӣ шудани аризаи шумо дар Раёсати муҳоҷират бекор карда намешавад. Агар Раёсати муҳоҷират ба шумо иҷозат диҳад, ки корфарморо иваз кунед, иҷозаи иқомати ҷории шумо ҳатто агар шумо бо корфармои нав ба кор қабул шавед, эътибор дорад.

Ариза дар бораи иваз кардани корфармо ё мансаб дар давоми 1 моҳ баррасӣ мешавад.

Қарор дар бораи иваз кардани корфармо ё вазифа 1 моҳ эътибор дорад.

Шумо метавонед танҳо бо иҷозати Раёсати муҳоҷират дар корфармои нав кор кунед ё вазифаро иваз кунед.

**Боҷҳои давлатӣ**

Барои пешниҳоди ариза ба Раёсати муҳоҷират, баррасии он ва қабули қарор боҷи давлатӣ ситонида мешавад.

Барои қабул, баррасии ариза ва додан ё надодани иҷозаи иқомати муваққатӣ ба таври умумӣ барои 3 моҳ 160 евро ситонида мешавад. Барои қабул, баррасии худи ҳамон ариза ба таври таъҷилӣ ё надодани иҷозаи иқомати муваққатӣ дар давоми 45 рӯз 320 евро ситонида мешавад.

Агар шумо дар Литва аз мӯҳлати эътибори иҷозатномаи иқомати муваққатии худ ба мӯҳлати зиёдтар кор карданӣ бошед, шумо бояд онро тағйир (тамдид) кунед. Барои ин, шумо бояд бо истифода аз низоми иттилоотии муҳоҷирати Литва MIGRIS www.migracija.lt ариза пешниҳод кунед.

Шумо метавонед барои иваз кардани иҷозатномаи истиқомати худ муроҷиат кунед, агар то ба охир расидани мӯҳлати он зиёда аз 6 моҳ боқӣ монда бошад.

Аризаи шумо барои иваз кардан мумкин аст ба таври умумӣ дар давоми 2 моҳ баррасӣ карда шавад ва барои ин боҷи давлатӣ ба маблағи 160 евро ситонида мешавад.

Барои баррасии фаврии чунин ариза дар давоми 1 моҳ, маблағи 320 евро ситонида мешавад.

Барои баррасӣ ва қабули қарор аз рӯи ариза дар бораи иваз кардани корфармо 100 евро ситонида мешавад.

**Чиро донистан муҳим аст, ки оё шумо ният доред, ки ба ҳайси ронандае, ки бо мақсадҳои тиҷоратӣ интиқоли мол ё мусофирон кор кунед**

Агар шумо ният доред, ки дар як ширкати Литва ҳамчун ронандаи интиқоли бор ё мусофир бо мақсадҳои тиҷоратӣ кор кунед (дар он ҷо шумо бояд шаҳодатномаи ронандагии категорияи C1, C1E, C, CE, D1, D1E, D ё DE дошта бошед), ба шумо лозим меояд:

- таълими касбии ронандагиро дар муассисаи таълимии ичозатномадор хатм намуда, гирифтани тахассус ё шаходатномаи давра ба давра такмили тахассуси касбиро гирад;
- пас аз гирифтани шаҳодатномаи мазкур, ба AB "Regitra" барои ворид кардани рамзи тахассусии "95" ҳангоми иваз кардани Шаҳодатномаи ронандагӣ ё додани корти тахассусии ронандагӣ (агар иҷозатнома иваз карда нашавад) тамос гиред. Барои боздид аз шӯъба, дар www.regitra.lt пешакӣ сабти ном кардан лозим аст.

Маълумоти бештарро дар бораи иваз кардани шаҳодатномаҳои ронандагӣ ва додани кортҳои тахассусии ронандагӣ метавонед аз www.regitra.lt пайдо кунед.

**Маълумоти муҳими дигар**

Агар Раёсати муҳоҷират муайян кунад, ки корфармои Шумо:

- ба Раёсати муҳоҷират маълумоти бардурӯғ, ҳуҷҷатҳои ба таври ғайриқонунӣ гирифташуда ё қалбакӣ пешниҳод карда бошад; ё
- корфармо – ташкилоти шуғли муваққатӣ аз рӯйхати ташкилотҳои шуғли муваққатӣ, ки аз ҷониби Нозироти давлатии меҳнат тартиб дода шуда, дар вебсомонаи он нашр мешавад, хориҷ шуда бошад; ё
- барои ичозат додани кори ғайриқонунӣ, кори ғайриқонунӣ ё вайрон кардани тартиби ба кор қабул кардани хориҷиён мутобиқи муқаррароти Қонун оиди шуғл чазо гирифта бошад ва аз рӯзи пардохти ҷарима ё иҷрои ӯҳдадорӣ камтар аз як сол гузашта бошад,

... Ба шумо огоҳинома фиристода мешавад, ки агар Шумо дар давоми 3 моҳ корфарморо иваз накунед, иҷозати иқомати Шумо бекор карда мешавад.

Агар шумо чунин огоҳинома гирифт бошед, Шумо бояд интихоб кунед:

- шартномаи меҳнатиро бо корфармо бекор карда, дар давоми 3 моҳ аз Литва берун шудан, ё
- дар давоми 3 моҳ дар Литва корфармои дигаре пайдо намудан, ки ба сифати миёнарави Шумо дар Раёсати муҳоҷират баромад кардан розӣ аст ва барои иваз кардани корфармо иҷозат ариза пешниҳод намудан.

Агар шумо ба кишвари хориҷӣ ба рухсатӣ равон шуда бошед, будубоши шумо дар ИА ё кишвари дигари Шенген набояд аз 90 рӯз дар давоми 180 рӯз зиёд бошад.

**Қатъи фаъолияти меҳнатӣ ва рафтан аз Литва**

Агар муносибатҳои меҳнатии шумо бо корфармои худ ба охир расида бошанд ва шумо барои иҷозати иваз кардани корфармо ё вазифаи худ ариза пешниҳод накарда бошед, шумо бояд Ҷумҳурии Литваро тарк кунед.

Агар Раёсати муҳоҷират ба шумо дар бораи бекор шудани иҷозатномаи иқомати муваққатии шумо хабар диҳад, шумо бояд дар давоми 14 рӯз пас аз гирифтани ин қарор Литваро тарк кунед.

Агар шумо дар мӯҳлати муқарраршуда аз кишвар берун нашавед, дар бораи бозгашт ё депортатсия аз Литва қарор қабул карда мешавад.

Шумо бояд иҷозатномаи иқомати бекоршударо ба Раёсати муҳоҷират баргардонед.

**Истисмор**

Агар шумо боварӣ ҳосил намоед, ки шуморо дар иҷрои кор ё хизмат истисмор мекунанд, фавран ба мақомоти зерин муроҷиат кунед:

- дар шароити ниҳоят бад/ғуломона ё дигар шароити ғайриинсонӣ кор кардан;
- зиёда аз он, ки дар шартномаи меҳнатӣ пешбинӣ шудааст, кор кардан, агар корфармо шуморо ба кори изофагӣ бе музди иловагӣ маҷбур кунад ё додани танаффусро барои истироҳат рад кунад;
- ба ҷадвали кор ва истироҳат риоя накунад;
- бо маоши камтар аз музди дар шартномаи меҳнатӣ пешбинигардида кор кардан ё дигар пардохтхои ҳатмиро нагирифтан (агар онҳо дар шартномаи меҳнати пешбинӣ шуда бошад);
- ба ҳуҷҷатҳое, ки мазмуни онҳоро шарҳ дода нашудааст, бе имконияти азназаргузаронӣ, аксбардорӣ, нусхабардорӣ ва ғайра имзо гузоштан;
- имзо кардани ариза дар бораи рухсатии бемузд. Дар хотир доред, ки корфармо наметавонад шуморо маҷбур кунад, ки чунин аризаро имзо кунед.

Агар корфармои шумо озодии ҳаракати шуморо маҳдуд созад, ҳуҷҷатҳоятонро гирад, ба шумо бо зӯроварии ҷисмонӣ ё равонӣ таҳдид кунад ё барои аз кор рафтан монеъ шавад, шумо метавонед ҷабрдидаи меҳнати маҷбурӣ ё хариду фурӯши одамон эътироф шавед.

Агар прокуроре, ки парвандаи шуморо тафтиш мекунад, шуморо ҷабрдида эътироф кунад, шумо метавонед ба Раёсати муҳоҷират барои гирифтани иҷозаи иқомати муваққатӣ ҳамчун ҷарбдидаи хариду фурӯши одамон ё кори ғайриқонунӣ муроҷиат кунед. Иҷозатномаи иқомати муваққатӣ барои 6 моҳ дода мешавад.

**Ба куҷо муроҷиат кардан**

Телефони боварии умумӣ - 112 (шабонарӯзӣ)

Оид ба масъалаҳои муҳоҷират:

Раёсати муҳоҷират
+370 707 67 000
info@migracija.gov.lt

Барои маълумот додан дар бораи вайрон кардани қоидаҳои меҳнат ё поймол кардани ҳуқуқҳои шумо ҳамчун корманд:

Машваратҳо оид ба масъалаҳои шартномаи меҳнатӣ:
Нозироти давлатии мехнат
+370 5 213 9772 (1-ро пахш кунед)
info@vdi.lt

Барои бидуни маълум кардани номи худ дар бораи вайронкунии эҳтимолӣ дар ҷои кор, аз қабили шароити номуносиби меҳнат, сӯиистифода аз вакти кор ё истироҳат, баста нашудани шартномаҳои меҳнатӣ:
Нозироти давлатии меҳнат
+370 5 213 9772 (2-ро пахш кунед)
info@vdi.lt

Агар шумо боварӣ ҳосил кунед, ки шумо ҷабрдидаи хариду фурӯши одамон шудаед ё таҳти хатар қарор доред:

Кӯмак ба ҷабрдидагони хариду фурӯши одамон
+370 616 91 119
info@stop-trafficking.lt

Маркази мубориза бо хариду фурӯш ва истисмори одамон
+370 679 61617
info@anti-trafficking.lt